ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734012, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 22
Тел: (810992-37) 221-69-97/221-88-89

Факс: (810992-37)221-82-81
Email: minenergoprom@mail.ru

№ 6.1-412 аз «17» 02. с. 2012

Ба № ________ аз «_____» __________ с. 2012

Ба Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон-
Раиси Комиссияи таҳрири
нави Кодекси андоз
Наҷмиддинов С.М.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои алоҳидае, ки бештар ба рушди бонизоми соҳаҳои энергетика ва саноат монеъ мешаванд, пешниҳоди зеринро манзур менамояд:

***1. Имтиёзҳои андоз (аз арзиши иловашуда). Моддаи 178. Озод кардан аз андоз.***

Қисми 4, банди 4.

Пешниҳоди соҳибкорон ва вазорату идораҳо оид ба *воридоти имтиёзноки дастгоҳу таҷҳизот* тайи чанд сол аст, ки дар баррасӣ қарор дошта, ҳалли худро наёфтааст.

Ҳатто бо таҳлилу ҳисоби сатҳӣ исбот кардан мумкин аст, ки дар сурати ворид нашудани дастгоҳу таҷҳизоти технологӣ ба буҷет ягон маблағ ворид намешавад. Дар ҳолати ба таври имтиёзнок ворид гардидани дастгоҳу таҷҳизот бошад, ҷойҳои корӣ ташкил карда, истеҳсоли маҳсулот ба роҳ монда мешавад ва аз ҳисоби андозҳои дигар (андоз аз арзиши иловашуда аз моли истеҳсолгардида, андоз аз шахсони воқеӣ, андози иҷтимоӣ, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва ғайраҳо) ба буҷет маблағи иловагӣ ворид мегардад. Ғайр аз ин, истеҳсоли маҳсулот ба кам шудани воридоти маҳсулоти ҳамном ва содироти мол ва дар маҷмӯъ ба афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) ва кам кардани бақияи манфии савдои кишвар мусоидат хоҳад кард. Вале то ҳол дар ҷумҳурӣ Номгӯи дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолие, ки бояд ба таври имтиёзнок ворид шаванд мавҷуд аст. Дар шароити тез-тез тағйир ёфтани техникаву таҷҳизоти технологӣ, мавҷудияти чунин Номгӯй хилофи мантиқ аст. Чунки дар номгӯ пешбинӣ намудани тамоми дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолие, ки ҳатто дар тӯли 2-3 соли наздик истеҳсол мешаванд, аз имкон берун аст.

***Пешниҳод карда мешавад, ки сархатҳои 2 ва 3-и қисми 4, банди 4 ҳориҷ карда шаванд.***

Хориҷ намудани сархати 2 ба ташкили бозори воситаҳои истеҳсолот мусоидат хоҳад кард. Айни замон дар Ҷумҳурӣ чунин бозор вуҷуд надорад. Мақомоти масъули таъминоти техникие, ки қаблан вуҷуд доштанд, барҳам хӯрда, ба ивази он дигар сохтор ташкил карда нашудааст.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин пешниҳод менамояд, ки имтиёзи дар қисми 4, банди 8, пешбинигардида, ба тамоми корхонаҳои истеҳсолин соҳа паҳн карда шавад.

Ин амал ба ташкилу рушди дигар корхонаҳои ҳамном мусоидат карда метавонад.

Қисми 4, банди 10 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

***Ҳама гуна ашёи хоме, ки барои коркард ворид карда мешавад.***

Ин имкон медиҳад, ки соҳибкорон барои воридоти ашёи хом ҳавасманд гардида, барои рушди саноати коркард бештар сармоягузорӣ намоянд. Айни замон кишвари мо содиркунандаи ашёи хом аст ва аз ҳисоби бе коркард баромадани ашёи хом, ба буҷет садҳо миллион сомонӣ зарар мерасад.

Дар қисми 2, банди 10, пеш аз калимаи «таҳвили» калимаи «истеҳсолу» илова ва калимаҳои дохили қавс хориҷ карда, баъди калимаи «кӯдакона», калимаҳои «молҳои санъати нафисаи бадеӣ-халқӣ, аз ҷумла атлас» илова карда шаванд. Калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат» иваз карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки номгӯи молҳои зарурии кӯдакона ва санъати нафисаи бадеӣ-халқӣ, аз ҷониби мутахассисони соҳаҳо, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин таҳия ва тасдиқ карда шавад.

Мақсад аз он иборат аст, ки дар дохили қавс дигар номгӯи молҳои бачагона, аз ҷумла, мебел, рахти хоб, бозичаҳо ва ғайра нишон дода нашудаанд ва ин ба рушди истеҳсоли молҳои бачагона таъсири манфӣ мерасонад.

***Банди 5-и қисми 2.*** Бо назардошти он, ки бо қабули ин банд дар ҳамин шакл, на ҳама метавонанд аз хизмати тиббии ғайридавлатӣ ва санаторӣ-курортӣ истифода намоянд, аз он калимаҳои «аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ» ва «санаторӣ-курортӣ» хориҷ карда шаванд.

***Дар қисми 4, банди 2*** бо мазмуни зайл ифода карда шавад:

«Таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо ва ба шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ тибқи меъёри сифр андозбандӣ карда мешаванд».

Яке аз омилҳои асосии рушди соҳаи заргарӣ ин озод намудани фурӯши тилло ва нуқра аз андоз аз арзиши иловашуда барои

истеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси протоколи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2005, тибқи тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2006, № 219 мебошад.

Аммо дар лоиҳаи пешниҳодшуда, таҳвили металлҳои қиматбаҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ( барои заргарон) зикр карда нашудааст. Яъне фурӯши тилло барои корхонаҳои заргарӣ бояд бо пардохти андоз аз арзиши иловашуда (18%) амалӣ карда шавад. Аз ин бармеояд, ки агар 1 гр тилло дар бозори ҷаҳонӣ 55 доллари ИМА бошад, пас барои заргари тоҷик он бо арзиши ААИ 64,9 доллари ИМА-ро ( бе музди меҳнати заргар, маводи сӯхт, барқ ва дигар хароҷотҳо) ташкил мекунад. Бо чунин нархи гаронбаҳо маҳсулоти заргарии ватанӣ бо маҳсулоте,ки берун аз хориҷи кишвар бо ҳаргуна роҳҳо ба ҷумҳурӣ ворид карда мешавад, рақобат карда наметавонад ва «Барномаи рушди заргарӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ барои солҳои 2009-2015» амалан иҷронашаванда мегардад.

Дар қисми 4, банди 11 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

***Воридоти молҳои таъиноти истеҳсолӣ, аз ҷумла фурнитура (тугма занҷир ва ғ.) ва қисму ҷузъҳо барои ҷамъу васли маҳсулоти нави тайёр, дар ҳолате, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат, ҷадвали дар давраи муайян, дар корхонаҳои ватанӣ истеҳсол кардани на кам аз 40%-и қисму ҷузъҳои маҳсулоти ҷамъу васлшавандаро тасдиқ карда бошад.***

Ин имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама соҳаи мошинсозӣ, аз ҷумла мошинсозии хоҷагии қишлоқ, ки айни замон имкони пурра дар дохили кишвар истеҳсол намудани тамоми қисмҳои маҳсулоти ин соҳа мавҷуд нест, тараққӣ дода шавад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб ин *воридоти молҳои таъиноти истеҳсолие*, ки ба таври имтиёзнок ворид намудани онҳо ба фоидаи иқтисодиёти миллӣ аст, ба ҳисоб меравад.

Ёдовар мешавем, ки айни замон аксар номгӯи молҳои барои истеҳсоли маҳсулот зарурӣ, аз ҷумла фурнитура (тугма, занҷир ва ғ.), реагентҳои кимиёвӣ, нахҳои сунъӣ ва дигар молҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр заруранд, аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд ва бо сабаби дар ҳаҷми ночиз (аз нигоҳи маблағ ва ҳаҷму миқдор) зарур будани онҳо, дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсолашон мувофиқи мақсад нест. Чунки воридот ва насби технологияи истеҳсоли чунин молҳои ёридиҳанда маблағи калонро талаб намуда, боздеҳи пурра надоранд. Бинобар ин зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи тайёрии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва тавлиду афзоиши арзиши иловашуда дар саноати кишвар, воридоти имтиёзноки молҳои ёридиҳанда пешбинӣ карда шавад.

***Моддаи 225 андози иҷтимоӣ.***

Дигар масъалаи ҳалталаб, ин ***меъёри андози иҷтимоӣ*** мебошад. Бояд тазазаккур дод, ки баланд будани меъёри ин андоз (25% аз ҳисоби суғуртакунандагон ва 1% аз ҳисоби суғурташавандагон) ба пардохти лифофагии музди меҳнат оварда расонида, кормандон дар ҳолати

беморӣ ва ба нафақа баромадан бе ҳимояи иҷтимоӣ мемонанд. Паст кардани меъёри андози иҷтимоӣ, ба расман баланд шудани музди меҳнати кормандон ва афзоиши воридоти маблағ ба буҷет мусоидат карда метавонад. Дар аввал мумкин аст ба воридоти маблағ ба буҷет таъсири манфӣ расонад, вале дар ниҳояти кор ба фоидаи давлату соҳибкорон ва кормандон мешавад.

Бинбар ин пешниҳод менамоем, ки ***дар қисми 1-и моддаи 225 рақами 25 ба 15 иваз карда шавад.*** Ҳамчунин хатогии техникие, ки дар натиҷаи он дар лоиҳа баъди калимаи «суғурташудагон» матн афтодааст, ислоҳ карда шавад.

***Моддаи 294***, ки меъёрҳои андоз аз амволи ғайриманқулро муайян менамояд, то ҳадде мураккаб карда шудааст, ки аз рӯи он ҳатто мутахассисони соҳаи иқтисод наметавонанд дар бораи маблағи мушаххаси андоз ҷавоб гардонанд. Қисми 1-и ҳамин модда, андозсупорандаро барои омӯзиши моддаи 288 мефиристонад, вале дар қисми 1-и моддаи 288 навишта шудааст, ки меъёри андоз бо пешниҳоди мақомоти ваколатдори корҳои заминсозӣ дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Мақомоти ваколатдори корҳои заминсозӣ маълум аст, вале «мақомоти ваколатдори давлатӣ» кӣ аст, номаълум боқӣ мемонад. Агар мақомоти андоз дар назар дошта шуда бошад, пас инро мушаххас кардан зарур аст.

Дар қисми 1-и моддаи 294 андозбандии 40 каратаи объектҳои дигари ғайриманқул, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ ва дар қисми 2-и ҳамин модда андозбандии 100 каратаи объектҳои дигари ғайриманқул, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳатӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо назардошти он ки ин амал метавонад ба нобуд шудани биноҳои истеҳсолии муваққатан истифоданашаванда ва ё бо зарари молиявӣ фаъолият кардани корхонаҳо оварда расонад, Вазорати энергетика ва саноат ба ин пешниҳоди дар лоиҳа зикргардида қатъиян розӣ шуда наметавонад. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки корхонаҳои истеҳсолӣ ба ғайр аз биноҳои асосӣ, боз биноҳои ёрирасон ва таҳхонаҳо низ доранд, ки онҳо на ҳама вақт истифода мешаванд. Ин тағйирот, вазъи бе ин ҳам мушкили корхонаҳои истеҳсолиро бадтар месозад ва ба пурра касод шудани корхонаҳое, ки қаблан дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳатӣ сохта шудаанд, оварда мерасонад.

Ғайр аз ин, эҳтимоли сармоягузорӣ дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳатӣ, барои рушди саноат, аз ҷумла ҳунарҳои нафисаи бадеӣ-халқӣ, ки маҳсулоташон асосан барои сайёҳон пешбинӣ гардидааст, ба сифр наздик хоҳад шуд. Сохтмони биноҳои нави истеҳсоливу ёрирасон низ дар оянда зери савол монда, нобуд гардидани объектҳое, ки бо мақсади мудофиаи шаҳрвандӣ ва ё ташаккулу нигоҳдории захираҳои давлатӣ истифода мешаванд аз эҳтимол дур нест.

*Пешниҳод менамоем, ки муқаррар намудани меъёри андози амволи ғайриманқул, ҳамчун андози маҳаллӣ, бо мизони аз 5 то 15 каратаи андози замин, ба ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи шаҳру ноҳияҳо гузошта шавад.*

*Андози аксиз.*

*Моддаи 205.*

*Бо мақсади роҳ надодан ба андозбандии дукарата, зербанди б)-и банди 1-и қисми 1-и моддаи мазкур хориҷ карда шавад.*

*Моддаи 206.*

Дар қисми 1-и ҳамин моддаи лоиҳа, ҳама намудҳои спирт ва нӯшокиҳои беспирт ҳамчун молҳои зераксизӣ муайян карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки то ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз, рушди соҳаи истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ба низоми муайян даромада буд. Баъди муайян намудани андози аксизӣ ба истеҳсол ва фурӯши нӯшокиҳо, суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли онҳо паст рафт ва истеҳсолкунандагон ҳаҷми истеҳсолро пурра нишон надоданд. Муайян намудани андози аксизӣ боз ба он оварда расонид, ки нархи 1 литр об аз нархи 1 литр шир ва 1 литр шарбати мева баландтар шуд. Ёдовар мешавем, ки ба ин намуди маҳсулотҳо, дар дигар давлатҳои дунё андози аксизӣ муайян карда нашудааст. Ин корхонаҳо метавонанд аз ҳисоби супоридани дигар намуди андозҳо ва афзудани ҳаҷми истеҳсолот буҷаи давлатро ғанитар гардонанд.

Инчунин дар номгӯи маҳсулотҳои зераксизӣ ба спирти этилӣ ҳам, ки он ашёи хом барои истеҳсоли машрубот ва қавигардонии шаробҳо истифода мешавад, андози аксизӣ муайян карда шудааст. Ин амал ҳоло як монеи калон барои корхонаҳо, оиди зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли машруботу шароб гардидааст. Корхонаҳо пеш аз он, ки машрубот истеҳсол намоянд ва ба фурӯш бароранд, барои харидорӣ намудани спирти этилӣ, ҳам нархи он ва ҳам маблағи андози аксизиро, пешпардохт менамоянд. Ҳол он, ки андози аз ҳисоби спирти этилӣ пардохтшуда, ҳангоми маҳсулоти тайёр (машрубот, шароб) истеҳсол намудан ва фурӯхтани он ҳисобӣ карда мешавад ва аз ин ба буҷа маблағи иловагӣ ворид намегардад. Фақат гаронӣ ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти тайёр меафтад, ки то тайёр намудану фурӯхтани маҳсулот, ба ашёи хом-спирти этилӣ, пешпардохти андози аксизро ба анҷом мерасонад.

*Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки аз банди 1-и қисми 1-уми моддаи 206-и лоиҳа, калимаҳои «ҳамаи намудҳои спирт» ва «нӯшокиҳои беспирт» хориҷ карда шаванд.*

*Моддаи 245. Меъёрҳои роялти барои истихроҷ.*

Дар банди 2.

Бо мақсади паст намудани нархи обҳои минералӣ дар сатри 1 меъёр 30% нишон дода, сатри 2 хориҷ карда шавад. Меъёри андозбандии обҳои зеризаминӣ барои шустушӯи мошинҳо бошад, ҳадди ақалл 3 маротиба (120%) зиёд карда шавад.

Дар банди 3.

Ибораи «Россыпные полезные ископаемые» ба «Рассеянные полезные ископаемые» иваз карда шавад, зеро қаблан дар Кодекси амалкунанда маҳфуми «Рассеянные полезные ископаемые» аз ҷониби тарҷумонҳо нодуруст, яъне «Россыпные полезные ископаемые» тарҷума шудааст, ки ин маънои рехтаро дорад. Дар асл бошад гап дар бораи металлҳои пароканда меравад, ки ба ин гурӯҳ («Рассеянные полезные ископаемые») металлҳои Рубидий, Кадмий, Сезий, Селен, Галлий, Индий, Таллий, Германий ва ғайра дохил мешаванд. Иловатан дар як Қонун ду хел андозбандӣ кардани металлҳои асил (тилло, нуқра, платиноидҳо) дар ҳаҷми яке 9% дигаре 6% маъно надорад, зеро маҳсулоти ниҳоӣ – тилло ва нуқраи холис дар шакли сабиқа (слитка) мебошад ва дар қисми 1-и моддаи 244 дар шакли софи химиявӣ муайян шудани манбаи андоз пешбинӣ гардидааст. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки дар сатри 5-и банди 3, калимаҳои «ғайр аз металлҳои асил» илова ва ***<u>андозбандии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар ҳаҷми 4% (на 6-и лоиҳа)муайян карда</u>*** шаванд.

Бояд қайд кард, ки ҷойгиршавии конҳо, файзнокии металлҳо дар маъдан дар ҷумҳурии мо нисбати дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя мураккабтар ва камфайзтар буда, барои коркарди он хароҷотҳои иловагӣ, ба монанди боркашонӣ, истифодаи роҳҳои автомобилгард, пардохти боҷҳои гумрукиву андозҳои аксизӣ ва ғайраро тақозо дорад.

Дар маҷмӯъ андозбандии корхонаҳои истифодабарандагони қаъри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба давлатҳои ҳамсоя зиёд муайян шудааст. Дар баробари ин дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя (Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон) молҳои истеҳсолӣ-техникӣ, ба монданди сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, автошинаҳо, маводҳои кимиёвӣ, мошинолоти кӯҳӣ ва ғайра, ки дар дохили мамлакат истеҳсол карда шудаанд, аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва ғайра озод мебошанд ва барои кашонидани онҳо хароҷот камтар мешавад.

***<u>Андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин. Моддаи 229.</u>***

Аз банди 7-и қисми 1 калимаҳои «аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ маблағгузоришавандаро» хориҷ ва калимаи «геологии» ба калимаи «геологиро» иваз карда шаванд. Истисно ба корхонаҳои давлатӣ ба сармоягузорӣ дар ин соҳа мусоидат намекунад.

***<u>Моддаи 230.</u>***

***<u>Сархати 2-и қисми 1 хориҷ карда шавад.</u>*** Чунки дар се моҳ бастани чунин қарордод дар бисёр мавридҳо (аз рӯи таҷриба) бо сабабҳои объективӣ ва суъективӣ ғайриимкон мебошад.

***<u>Моддаи 232.</u>***

Банди 1-и қисми 1 хориҷ ва вобаста ба ин матни сархати аввал мувофиқ карда шавад.

*Роялти барои об. Моддаи 251. Озодкунӣ.*

Мафҳуми НБО-и хурд нерӯгоҳҳоеро дар бар мегирад, ки иқтидори истеҳсоли то 30 000 киловатт нерӯи барқро доранд. Бо мақсади ҳавасманд намудани сармоягузорон ба сохтмони НБО-ҳои хурд пешниҳод менамоем, ки *рақами 1000 ба 30 000 иваз карда шавад.*

*Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард. Моддаи 260.*

Манбаи он тибқи моддаи мазкур, ҷамъ намудани ҳамаи маблағҳои хароҷотҳои аслии дар давраи ҳисоботии андоз кардашудаи андозсупоранда дар ҳаҷми пурраро дар бар мегирад.

Дар сархати 1-и қисми 1-и ҳамин модда, ворид намудани калимаҳои «бо тарҳи андозҳои қаблан пардохтшуда» мувофиқи мақсад дониста мешавад. Фақат дар ҳамин ҳолат, андозҳои қаблан пардохтгардида, манбаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард намегарданд. Дар акси ҳол, андозҳои қаблӣ манбаи андози нав мешаванд, ки ин нодуруст аст. Дар қисми 2-и моддаи 258 ба ин амал ишора карда шудааст, вале истснои он дар моддаи 260 инъикос наёфтааст.

Пешниҳод менамоем, ки меъёри андоз (моддаи 261) ба андозаи 1 фоиз муқаррар карда шавад.

*Андоз аз фурӯш. Моддаи 268. Меъёри андоз.*

Дар банди 1-и қисми 1 баъди калимаи «пахта» калимаҳои «ба истисноии фурӯш ба корхонаҳои коркарди дохилӣ» илова карда шаванд.

*«Андоз аз воситаҳои нақлиёт», моддаи 275 «Меъёри андоз».*

Аз ҳисоби баланд будани меъёри андози мазкур, корхонаҳо техникаҳои муосири пурқудратро харидорӣ карда наметавонанд ё намехаранд. Ин дар навбати худ ба зиёдшавии ҳаҷми маҳсулот ва нархи маҳсулот таъсир расонида, рақобатпазирии маҳсулотро дар бозор паст мекунад. *Меъёри андоз барои тамоми намуди воситаҳои нақлиёт 50% кам карда шаванд.*

*Андози ҳадди ақал аз даромадҳо. Моддаи 165.*

Меъёри андоз ба андозаи 1 фоизи объекти андозбандӣ (баробари муқаррароти Кодекси амалкунанда) муқаррар карда шавад. Дар лоиҳа 2% нишон дода шудааст.

*Моддаи 44. Назорати иловагӣ аз рӯи молҳои зераксизӣ ва дигар фаъолият.*

Таҷриба нишон дод, ки ташкили шумораи зиёди дидбонгоҳҳои андоз ба афзоиши расмии истеҳсоли маҳсулот ва воридот ба буҷет мусоидат наменамояд. Пешниҳод менамоем, ки аз қисми 6 банди 5 хориҷ карда шавад.

Вазорати энергетика ва саноат кам кардани шумораи андозҳоро бе таъсири манфии он ба рушди истеҳсолот ва шаффофу содда гардонидани Кодекси андозро ҷонибдорӣ менамояд.

P.S. Айни замон дар Ҷумҳурӣ бақияи қарзи андозҳо маблағи калон (беш аз 740 млн. сомонӣ) - ро ташкил медиҳад. Пешниҳод менамоем, ки барои аз байн бардоштани он, авфи андоз аз рӯи мӯҳлати ба вуҷуд омадани қарзи андозҳо (давраи то 1 январи соли 2005, 2008 ва ё мӯҳлати дигар) бо таносуби пардохти қисман (50 ё 70%) дар давоми 6 моҳ ва бахшидани боқимондаи қарз бо назардошти беэътимод будани онҳо баррасӣ карда шавад.

Ин имкон медиҳад, ки ба буҷет дар як вақт маблағи зиёд ворид карда, баланси корхонаҳо аз қарзи андоз тоза карда шавад.

Вазир Гул Шералӣ